**Тақриз**

**ба автореферати Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна таҳти унвони «Вижагиҳои сохторию маънoии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). - Душанбе, 2024, 59 саҳ.**

То имрӯз дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти зиёди назаррасу ҷолибе доир ба шинохт ва моҳияти фарҳангҳои тарҷумавӣ сомон пазируфтааст, ки дар бештари чунин пажуҳиш муҳаққиқон аз вижагиҳои онҳо ёдовар шуда, ба таҳаввули таърихӣ ва доираи маънoии онҳо камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ Аҳмедҷонова Мушараф Абдурасуловна мубраму саривақтӣ буда, маводи таҳқиқ имкон медиҳад, ки вижагиҳои луғатнигории дузабонаи русӣ-тоҷикӣ дар асри XIX ва мақоми забони тоҷикӣ дар он муайян карда шавад.

Аз мутолиаи автореферати диссертант таҳти унвони «Вижагиҳои сохторию маънoии «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А. В. Старчевский» бармеояд, ки пажуҳиши мазкур ба таҳлилу тадқиқи вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти фарҳанги мавриди баррасӣ рабт дорад. Мубрамияти диссертатсияи мавриди тақриз дар он зоҳир мегардад, ки фарҳангнигорӣ аз соҳаҳои қадим ва хеле муҳимми забоншиносӣ маҳсуб шуда, дар масири таърих доимо рушд ёфта, барои ғаномандии забон ва инъикоси бойигарии он мақоми хосса дорад.

Диссертатсия, чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 11 фасл, 9 зерфасл, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, феҳрасти интишороти илмии диссертант оид ба мавзуъ, таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш, асосҳои назарӣ, навоварии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Нахустбоби диссертатсия «А. В. Старчевский ва фаъолияти фарҳангнигории ӯ» унвон дошта, фарогири 4 фаслу 6 зерфасл мебошад. «Фарҳангнигории тоҷикӣ-русӣ ва таърихи он» унвони фасли аввали боби мазкур буда, дар хусуси таърих ва имрӯзи ин соҳа баҳс мекунад. Дар фасли дуюми боб роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии А. В. Старчевский сухан меравад. Дар фасли сеюм – “А. В. Старчевский- фарҳангнигор” саҳми ин олими энсиклопедист, журналист, шарқшинос, забоншинос ва фарҳангнигори асри XIX дар рушду такомули фарҳангнигории тарҷумавӣ нишон дода шудааст. Ниҳоят дар фасли чоруми боби нахуст аз вижагиҳои фарҳангнигории ин асар баҳс рафтааст.

Муаллиф дар фишурда қайд намудааст, ки «Ҳамсафари намояндаи рус дар Осиёи Миёна» ва сохтори он» ҳамагӣ аз 804 саҳифа иборат буда, аз пешгуфтори муаллиф, мундариҷа, 5 очерки грамматикӣ (оид ба ҳар як забони дахлдор) ва луғатҳо (оид ба забонҳои номбаршуда) таркиб ёфтааст. Фарҳангҳо алифбоӣ буда, моддаҳои луғавӣ ба таври тарҷумавию тафсирӣ ҷой дода шудаанд.

Маводи фарҳанг аз ҳайси фарогирӣ ва дараҷаи истеъмоли вожаҳо хеле ҷолиб аст. Дар он калимаҳои адабӣ, умумиистеъмол, шевагӣ, истилоҳот, касбӣ, архаистӣ бо маъноҳои аслӣ, маҷозӣ, маъмулӣ, ғайримаъмулӣ, тағйири маънокарда дида мешаванд. Масалан, муаллиф дар саҳифаи 16-уми фишурда овардааст, ки калимаи тоҷикии **овоза//авоза** чунин омадааст: **авазэ**-репутация, доброе имя; слава -арҷ, эътибор, номи нек, обрӯ; калимаи туркмании **агари** ҷой дода шудааст, ки ҳамон вақт номи матои шоҳии ниҳоят нафиси аз пашми уштурбачаи се-чаҳоррӯза (4) бофташударо ифода мекардааст. Калимаи мазкур аслан аз вожаи **оҳарӣ** гирифта шуда, тоҷикист ва дар забони туркманӣ дар шакли **ағари** интишор ёфтааст ва дар луғат бо гунаи русиаш (**агари**) омадааст. Имрӯз ин калима ба ин маъно архаизм шудааст.

Боби дуюми рисола «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А. В. Старчевский ва вижагиҳои сохтории он» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб сохтори фарҳангнигории фарҳанги мавриди назар таҳлил шудааст, зеро асари мазкур аз лиҳози фарҳангнигории таърихиву муосир бисёр ҷолиб буда, маводи зиёди забонӣ, этнолингвистӣ ва таърихӣ дорад. Дар фасли дуюми боби мазкур сохтори моддаҳои луғавии фарҳангнома (калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва корбасти онҳо дар фарҳанг) мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ»-и А. В. Старчевский ва вижагиҳои маъноии он» номгузорӣ шудааст. Ин боби диссертатсия ба масъалаи корбурди вожаву мафҳумоти умумӣ ва иҷтимоии луғат; вожаҳои ифодагари номи касбу кор ва масолеҳи онҳо дар фарҳанг; калимаҳои ифодагари номҳои ченаки ҳаҷму вазн, андоза ва шумора; калимаҳои ифодагари номҳои маъмуриву ҳуқуқӣ ва ҳарбӣ; калимаҳои ифодагари номи набототу ҷонварон баҳс мекунад.

Навоварии кори илмӣ назаррасу муътамад буда, ҷанбаи қавии илмӣ дорад. Дар заминаи муқоисаву муқобалаи таркиби луғавии ин асар бо фарҳангҳои дигар, ки дар давраҳои гуногуни рушди забони тоҷикӣ таҳия гардидаанд, инкишоф ва тағйироти таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва вижагиҳои онҳо нишон дода шудаанд.Таҳқиқи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯ ва заҳмати зиёда аз шашсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст. Муаллиф аз ҷумлаи нахустин муҳаққиқони фарҳанги мазкур буда, онро бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳлили диссертатсионӣ қарор додааст.

Муаллиф дар хулосаи умумии диссертатсия андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзуъ дар 12 банд ҷамъбаст намудааст, ки ҳамагӣ мазмуни асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо се забон: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ дар анҷоми матни автореферат оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

На ҳамаи мисолҳо бо ранги сиёҳи баланд нишон дода шудаанд (с.16, 20, 22).

Дар бархе аз мисолҳои матни фишурда, тарҷумаи забони русиаш оварда нашудааст (с. 18, 23, 24).

Дар умум, эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, мазмуни асосии авторефератро намекоҳонанд. Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи «Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский» таҳқиқоти баанҷомрасида ба шумор рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:** Доктори илми филология,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои профессор Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ғаюров Ф. З.
**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.

**03.09.2024**